**ВАЗОРАТИ ТАНДУРУСТӢ ВА ҲИФЗИ ИҶТИМОИИ АҲОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

**МДТ «ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ТИББИИ ТОҶИКИСТОН БА НОМИ АБӮАЛӢ ИБНИ СИНО»**

# Н И З О М Н О М АИ

# ШУЪБАИ ТАЙЁРКУНИИ КАДРҲОИ ИЛМӢ

**Душанбе 2022**

**ВАЗОРАТИ ТАНДУРУСТӢ ВА ҲИФЗИ ИҶТИМОИИ АҲОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

**МДТ «ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ТИББИИ ТОҶИКИСТОН БА НОМИ АБӮАЛӢ ИБНИ СИНО»**

«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»
Ректори МДТ «ДДТТ ба номи Абӯалӣ ибни Сино», д.и.т., профессор
________________ Гулзода М.Қ
«___» ___________с. 2022

# Н И З О М Н О М А И
# ШУЪБАИ ТАЙЁРКУНИИ КАДРҲОИ ИЛМӢ

**Душанбе 2022**

| МУНДАРИЧА | Саҳифа |
|---|---|
| 1. Муқаррароти умумӣ ............................................................ | 4 |
| 2. Мақсад ва вазифаҳо ............................................................ | 5 |
| 3. Вазифаҳо.......................................................................... | 7 |
| 4. Сохтор ва ташкилот.............................................................. | 8 |
| 5. Ҳуқуқ ва ухдадориҳо ............................................................ | 9 |
| 6. Масъулият......................................................................... | 10 |
| 7. Ҳамкорӣ бо дигар зерсохторҳои Донишгоҳ .............................. | 11 |
| 8. Муқаррароти ниҳоӣ .............................................................. | 11 |
| 9. Варақаи бақайдгирии тағйиротҳо............................................ | 12 |
| 10. Варақаи тасдиқ.................................................................. | 13 |
| 11. Варақаи шиносоӣ................................................................ | 14 |

# 1. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

1. Низомномаи мазкур дар асоси Низомномаи намунавии Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон (аз 29.06.2016, № 9/41), Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти илмӣ ва сиёсати давлатӣ оид ба илму техника», «Низомномаи намунавии оид ба муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва санадҳои дигари меъёрии ҳуқуқии соҳаи маориф ва илм таҳия гардида, тартиби фаъолияти шуъбаи омодакунии кадрҳои илмиро дар Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абӯалӣ ибни Сино муайян менамояд.

2. Воҳиди сохторӣ оид ба омодакунии кадрҳои илмӣ дар МДТ “Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абӯалӣ ибни Сино” дар шакли шуъба дар ҳайати муовинати илм ва инноватсия таъсис дода шудааст. Воҳиди сохтории мазкур дар фаъолияти худ раванди ташкил ва ҳамоҳангсозии корҳоро оид ба омодакунии кадрҳои илмии дараҷаи олӣ – доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисос, номзади илм ва доктори илм ва магистрант ба роҳ мемонад.

3. Шуъбаи тайёр намудани кадрҳои илмӣ (минбаъд: шуъба) фаъолияти худро дар сохтори муовинати илм ва инноватсияи МДТ “Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абӯалӣ ибни Сино” дар асоси қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, фармоиш ва дастурҳои вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, қарорҳои мушовараи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, Низомномаи мазкур, Оинномаи муассисаи таҳсилоти олии касбӣ, фармоишҳои ректори муассиса, супоришҳои муовини ректор оид ба илм ва санадҳои дигари меъёрии ҳуқуқии соҳаи маориф ва илм ба роҳ мемонад.

4. Низомномаи мазкур фаъолияти шуъбаро танзим намуда, максад, вазифа ва ҳукуқҳои онро муайян менамояд.

5. Таъсис, аз нав ташкилдиҳӣ ва барҳамдиҳии Шуъба дар сохтори муовинати илм ва инноватсияи МДТ “Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абӯалӣ ибни Сино” бо қарори Шӯрои олимон ва фармоиши ректори муассиса сурат мегирад.

6. Талаботҳои тахассусӣ, ҳукук ва масъулияти кормандони шӯъбаро дастури вазифавии аз ҷониби сардори воҳиди сохтории мазкур таҳиянамуда, ки бо фармоиши ректори Донишгоҳ тасдиқ шудааст, ба танзим медарорад.

## 2. МАҚСАД ВА ВАЗИФАҲО

7. Мақсади асосии шуъба ташкил, ҳамоҳангсозӣ, назорат ва амалисозии чорабиниҳо оид ба омодакунии кадрҳои илмии дараҷаи олӣ дар Донишгоҳ мувофиқи талаботҳои амалкунанда мебошад. Иловатан ба мақсадҳои зикршуда, шуъба масъалаҳои зеринро низ уҳда дорад:

8. Кормандони Шуъба вазифаҳои зеринро иҷро мекунанд:

-Коркарди ҳуҷҷатҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва методӣ оид ба масъалаҳои омодасозии кадрҳои илмии дараҷаи олӣ;

-Бо сохторҳои зертобеъ мувофиқа намудани лоиҳа ва пешниҳодҳо оид ба рақамҳои санҷишии қабули шаҳрвандон ба магистратура ва докторант аз рӯйи ихтисос PhD;

-Ҳамоҳангсозии фаъолияти кафедраҳо дар ташкили раванди таълим докторант аз рӯйи ихтисос PhD ва магистратура;

-Ташкил ва ба роҳ мондани қабул ба магистратура, докторант аз рӯйи ихтисос PhD, назорати иҷрои нақшаҳои фардии докторантҳо аз рӯи ихтисос (аспирантҳо) ва унвонҷӯён;

-Таъмини ташкили хизматрасониҳои таълимии пулакӣ дар соҳаи тайёр кардани кадрҳои илмӣ ва илмӣ-педагогии дараҷаи тахассусашон олӣ;

-Мониторинг ва таҳлили ҳуҷҷатҳои меъёрии ҳуқуқӣ доир ба масъалаи тайёр кардани кадрҳои илмӣ-педагогӣ ва илмии дараҷаи тахассусашон олӣ;

-Гузаронидани ҷаласа, конференсия, мизи мудаввар ва дигар шаклҳои муҳокимаи дастаҷамъонаи масъалаҳои мубрами рушди тайёр намудани кадрҳои илмӣ ва илмӣ-педагогии дараҷаи тахассусашон олӣ;

-Гузаронидани машваратҳо ва таҳияи тавсияҳо доир ба рушди тайёр намудани кадрҳои илмии дараҷаи тахассусашон олӣ;

-Таъминоти иттилоотии раванди тайёр кардани кадрҳои илмии дараҷаи тахассусашон олӣ;

-Ба расмият даровардан ва назорати коргузории парвандаҳои шахсии докторант аз рӯйи ихтисос PhD ва унвонҷӯёни дараҷаи илмӣ;

-Ташкил ва назорати гузаронидани аттестатсияи докторанти фалсафа (PhD), докторант аз рӯйи ихтисос ва унвонҷӯёни дараҷаи илмӣ;

-Ташкили коргузорӣ, баҳисобгирӣ ва таҳияи ҳисобот (тайёр кардани ҳисоботи омории шаклашон муайяншуда, ҳисоботи солона ва бастаи маводҳои иттилоотӣ дар бораи фаъолияти шуъба ва ғайра);

-Таҳияи маълумотномаҳое, ки мақоми доктор аз рӯйи ихтисос PhD ва унвонҷӯён, инчунин шаҳодатномаи супурдани имтиҳонҳои минимумро тасдиқ менамоянд;

-Таҳияи шартномаҳо оид ба омодакунии доктор аз рӯйи ихтисос PhD ва унвонҷӯён, ки ба таври ғайрибуҷавӣ қабул шудаанд;

-Баргузории чорабиниҳо оид ба такмили ҷараёни омодасозии докторант аз рӯйи ихтисос PhD ва унвонҷӯён дар якҷоягӣ бо Шӯрои олимони муассисаи таҳсилоти олии касбӣ.

## 3. ВАЗИФАҲО

9. Ташкил, ҳамоҳангсозӣ, назорат ва амалисозии чорабиниҳо оид ба омодакунии кадрҳои илмии дараҷаи олӣ дар Донишгоҳ мувофиқи талаботҳои амалкунанда мебошад. Иловатан ба мақсадҳои зикршуда, шуъба масъалаҳои зеринро ҳал мекунад:

10. Коркард ва таъмини фаъолияти ташкилӣ-методӣ ва меъёрии ҳуқуқии зерсохторҳои Донишгоҳ оид ба масъалаҳои омодакунии кадрҳои илмии дараҷаи олӣ дар низоми баъдидипломии таҳсилоти касбӣ;

11. Банақшагирӣ ва ташкили омодасозии кадрҳои илмӣ;

12. Таъминоти ташкилӣ-методӣ ва иттилоотии омодакунии кадрҳои илмӣ;

13. Ҳамоҳангсозии таълимӣ-илмии омодакунии кадрҳои илмӣ ва назорат аз болои иҷрои нақшаҳои инфиродии омодакунии онҳо;

14. Тайёр намудани кадрҳои илмӣ, илмӣ-педагогии баландихтисос:

-Таҳияи нақшаи қабул ва хатми докторантура аз рӯи ихтисоси PhD, аспирантура, магистратура ва назорати иҷроиши онҳо;

-Фароҳам овардани шароити мусоид баҳри корҳои илмӣ-тадқиқотии докторант аз рӯйи ихтисос PhD, аспирантон, унвонҷӯён ва магистртантон таъмин бо иттиллоот ва ташкили чорабиниҳои илмӣ, амалӣ дар Донишгоҳ ва хориҷӣ кишвар;

-Гузаронидани экспертизаи маводҳои аввалияи рисолаҳои илмии диссертатсионӣ, доктор аз рӯйи ихтисос PhD, аспирантон ва унвонҷӯён;

-Назорати иҷроиши нақшаҳои инфиродии докторант аз рӯйи ихтисос PhD, аспирантон, унвонҷӯён ва магистрантон;

-Гузаронидани имтиҳонҳои минимуми номзадӣ барои доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисос, аспирантон ва унвонҷӯён;

-Таъмини корҳои бақайдгирӣ, нигоҳ доштан ва ҳуҷҷатгузории парвандаҳои шахсӣ ва дигар ҳуҷҷатҳои докторант аз рӯйи ихтисос PhD, аспирантон, унвонҷӯён ва магистрантон;

15. Ҳамкорӣ бо дигар зерсохторҳои Донишгоҳ ва шӯроҳои диссертатсионӣ бо мақсади баланд бардоштани самаранокии омодасозии кадрҳои илмӣ.

## 4. СОХТОР ВА ТАШКИЛОТ

16. Роҳбарии бевоситаи шуъбаро сардори шуъба ба уҳда дорад, ки бо пешниҳоди муовини ректор оид ба корҳои илмӣ бо фармоиши ректори МДТ “Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абӯалӣ ибни Сино” ба вазифа таъйин ва озод карда мешавад.

17. Сардори шуъба вазифаҳои зеринро иҷро мекунад:

-таъмин намудани корҳои ташкилии шуъба, иҷрои вазифаҳое, ки Низомномаи мазкур ва ҳуҷҷатҳои ташкилӣ-маъмурии МДТ “Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абӯалӣ ибни Сино” муқаррар намудааст;

-назорат намудани риояи қоидаҳои тартиботи дохилии шуъба, ҳифзи меҳнат ва техникаи бехатарӣ, қоидаҳои бехатарӣ аз сӯхтор.

18. Сардори шӯъба барои амалҳои зерин ҳуқуқ дорад:

-иштирок дар ҷаласаҳои машваратии амалкунандаи МДТ “Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абӯалӣ ибни Сино” дар ҳолати баррасӣ намудани масъалаҳое, ки бо муқаррароти Низомномаи мазкур ба салоҳияти шуъба тааллуқ доранд;

-доир намудани ҷаласаҳои машваратии мутахассисони шуъба;

-манзур намудани дархосту пешниҳодҳо доир ба тағйир додани сохтор ва воҳидҳои кории шуъба;

-иштирок дар раванди тартиботи муқарраргардидаи интихоб, қабул, интиқол ва аз вазифа озод намудани кормандони шуъба дар мувофиқа бо муовини ректор оид ба корҳои илмӣ;

-мувофиқакунонӣ ва имзо гузоштан ба лоиҳаи ҳуҷҷатҳо аз номи шуъба.

## 5. ҲУҚУҚ ВА УҲДАДОРИҲО

19. Корманди шуъба дар доираи уҳдадориҳои вазифавии худ чунин ҳуқуқҳо доранд:

-Мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва санадҳои дигари меъёрии ҳуқуқӣ дар амалӣ намудани сифати татбиқи барномаҳои тайёр кардани кадрҳои илмӣ ва илмӣ-педагогии баландихтисос иштирок намоянд;

-Бо мақсади иҷрои вазифаҳои дар пеш гузошташудаи шуъба (бахш) аз сохторҳои зертобеи муассисаи таҳсилоти олии касбӣ маводҳо, иттилоот талаб намояд;

-Тибқи тартиботи муқарраргардида мутахассисони сохторҳои зертобеи муассисаи таҳсилоти олии касбиро ба тайёр намудани лоиҳаи ҳуҷҷатҳои меъёрии ҳуқуқӣ, иттилоотӣ, маълумотномавӣ ва маводҳои дигар бо супоришҳо роҳбарияти муассисаи таҳсилоти олии касбӣ ҷалб намояд;

-Тибқи тартиботи муқарр шуда ба захираҳои иттилоотии муассисаи таҳсилоти олии касбӣ дастрасӣ дошта бошанд;

-Иҷрои супоришҳои дигарро, ки ба салоҳияти шуъба дохил аст, ба анҷом расонанд.

20. Кормандони шуъба барои иҷрои вазифаҳои зерин масъул аст:

-Босифат ва сари вақт иҷро намудани супоришу вазифаҳое, ки дар асоси Низомномаи мазкур ба уҳдаи шуъба гузошта шудааст;

-Риояи қоидаҳои техникаи бехатарӣ, ҳифзи меҳнат, қоидаҳои бехатарӣ аз сӯхтор;

-Ҳуқуқ ва масъулияти кормандони шуъба бо дастурҳои хизматӣ муқаррар карда мешавад.

21. Кормандони шуъба барои иҷрои вазифаҳои зерин уҳдадоранд:

-Сари вақт ва босифат иҷро намудани уҳдадориҳо мувофиқи санадҳои қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳа ва талаботе, ки дастури хидматӣ пешбинӣ намудааст;

-Тибқи талаботи муқарраргардида махфӣ нигоҳ доштани маълумотҳое, ки дар ҳуҷҷатнигории шуъба мавҷуд аст;

-Риояи қоида ва меъёрҳои ҳифзи меҳнат, техникаи бехатарӣ, беҳдошти истеҳсолӣ ва қоидаҳои бехатарӣ аз сӯхтор.

## 6. МАСЪУЛИЯТ

22. Сардори шуъба барои вазифаҳои зерин масъул аст:

- Ба талабот мувофиқ будани таҳия ва ба амал овардани чорабиниҳое, ки ба ҳалли масъалаҳои мушаххаси фаъолияти шуъба дар доираи вазифа ва уҳдадориҳои ба он вобастабуда равона шудааст;

- Пурра, босифат ва сари вақт иҷро намудани фармоишу дастурҳои роҳбарияти муассисаи таҳсилоти олии касбӣ, ки ба вазифаву уҳдадориҳои асосии шуъба вобаста шудааст;

- Пурра, сари вақт ва тибқи талабот пешниҳод намудани ахборот;

-Мувофиқати тартиботи кории шуъба, ки дар асоси санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва тартиботи кории сатҳи нисбатан болотар ба анҷом мерасонад;

-Ташкили оқилонаи меҳнат, ҷобаҷогузорӣ ва истифодаи кормандони шуъба мувофиқи тахассус ва дараҷаи кордонии онҳо.

## 7. ҲАМКОРӢ БО ДИГАР ЗЕРСОХТОРҲОИ ДОНИШГОҲ

23. Ҳамкорӣ бо дигар зерсохторҳои Донишгоҳ ва шӯроҳои диссертатсионӣ бо мақсади баланд бардоштани самаранокии омодасозии кадрҳои илмӣ:

- Шуъбаи илм ва инноватсия;
- Шуъбаи кор бо ҷавонон;
- Шуъбаи ҳамкориҳои байналмилалӣ ва ғ.

## 8. МУҚАРРАРОТҲОИ НИҲОӢ

24. Низомномаи мазкур аз лахзаи аз ҷониби ректори Донишгоҳ тасдиқ шуданаш эътибор пайдо мекунад ва то бекор кардани он ё қабули тартиби нав эътибор дорад.

25. Тағйироту иловаҳо ба Низомномаи шуъбаи тайёр кардани кадрҳои илмӣ бо карори Шӯрои олимони МДТ “Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абӯалӣ ибни Сино” ворид карда шуда, аз ҷониби ректор тасдиқ карда мешаванд.

# 9. ВАРАҚАИ МУВОФИҚА

| № | Вазифа | Ному Насаб | Санаи мувофиқа | Имзо |
|---|---|---|---|---|
| 1. | Муовини ректор оид ба таълим | Ибодзода С.Т. | | |
| 2. | Муовини ректор оид ба илм ва нашрия | Муҳаббатзода Ҷ.Қ. | | |
| 3. | Муовини ректор оид ба корҳои муоличавӣ | Қобилов Қ.К. | | |
| 4. | Муовини ректор оид ба тарбия | Қурбонбекова П.Қ. | | |
| 5. | Муовини ректор оид ба хоҷагӣ ва маъмурӣ | Хокироев Т.З. | | |
| 6. | Раёсати рушди кадрӣ | Абдуллозода С.М. | | |
| 7. | Маркази рушди стратегӣ ва менеҷмент | Маҳмудзода Х.Р. | | |
| 8. | Сардори Хадамоти ректор | Носири Қ.Н. | | |
| 9. | Сардори шуъбаи назорати ҳуқуқӣ | Саидов Ҷ.З. | | |

# 10. ВАРАҚАИ ҚАЙДИ ТАҒЙИРОТҲО

| № п/п | Асос барои ворид намудани тағйирот | Рақами саҳифа | Тафсири кӯтоҳи тағйирот | Санаи воридкунӣ | Ному насаб ва имзои тағйирот ворид намудан |
|---|---|---|---|---|---|
| | | | | | |
| | | | | | |
| | | | | | |
| | | | | | |
| | | | | | |
| | | | | | |
| | | | | | |
| | | | | | |
| | | | | | |
| | | | | | |
| | | | | | |
| | | | | | |
| | | | | | |
| | | | | | |
| | | | | | |
| | | | | | |
| | | | | | |

## 11. ВАРАҚАИ ШИНОСОӢ

| № | Вазифаи ишғолкарда | Ному Насаб | Санаи шиносоӣ | Имзо |
|---|---|---|---|---|
| 1. | Сардори шуъба | Али-Заде С.Г. | | |
| 2. | Котиби шӯрои олимон | Бабаева Л.А. | | |
| 3. | Котиби илмии шӯроҳои диссертатсионӣ | Исматуллоева С.С. | | |
| 4. | Мутахассиси шуъба | Субҳонова Г.С. | | |
| 5. | Нозири шуъба | Мананова П.И. | | |
| 6. | Мутахассиси шуъба | Мирзоашрафова Ф.К. | | |